# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

Автореферати диссертатсияи пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми ҳукуки муосир бахшида шудааст. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ, масъалаи муайян намудани вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ аҳаммияти махсус пайдо намудааст. Тавре ки дар автореферат таъкид мегардад, иттилоот имрӯз ба унсури асосии муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқукӣ табдил ёфта, зарурати танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳое, ки дар гардиши иттилоот иштирок мекунанд, ба миён омадааст. Дар ҳамин замина, интихоби мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф асоснок ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд ва дар конунгузорӣ низ ин масъала ба таври комил танзим нагардидааст. Гарчанде ки дар ҳуқуқи хориҷӣ баъзе таҳқиқотҳо анҷом дода шудаанд, онҳо ба шароити миллӣ мутобиқ нестанд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти илмӣ буда, холигии мавҷударо дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ пур менамояд.

Мақсади таҳкикот, ки аз омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ иборат аст, мантиқӣ ва асоснок мебошад. Вазифаҳои таҳқиқот, аз ҷумла таҳлили мафҳум, аломатҳо, намудҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҷавобгарии миёнарави иттилоотӣ, пайдарпай ва бо мақсад мутобиқанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки муаллиф ба масъала бо равиши илмӣ ва низомнок муносибат кардааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Муаллиф аз маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, усулҳои диалектикӣ, таҳлили муқоисавӣ, мантиқӣ ва оморӣ истифода кардааст, ки ба амиқ ва ҳамаҷониба будани таҳқиқот мусоидат мекунад. Заминаи

назариявии таҳқиқот фарох буда, корҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Навовариҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегарданд, ки муаллиф бори аввал дар илми ҳуқуқи Тоҷикистон кӯшиш кардааст мафҳуми мукаммали «миёнарави иттилоотӣ»-ро муайян намояд ва онро ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи маданӣ асоснок созад. Ҳамчунин, масъалаҳои марбут ба қобилияти ҳуқуқдорӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, инчунин ҷавобгарии чунин субъектҳо мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Пешниҳод намудани таснифоти миёнаравони иттилоотӣ низ аз ҷумлаи дастовардҳои илмии муаллиф ба ҳисоб меравад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ мусоидат намоянд. Аз ҷиҳати амалӣ, пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ» ва «Ҳуқуқи иттилоотӣ» татбиқшаванда мебошанд.

Бо вуҷуди арзишманд будани таҳқиқот, баъзе мулоҳизаҳои танқидиро низ метавон зикр намуд. Аз ҷумла, мувофиқ мебуд, ки мафҳуми пешниҳодшудаи «миёнарави иттилоотӣ» бо мафҳумҳои байналмилалӣ амиқтар муқоиса карда шавад. Ҳамчунин, механизмҳои амалии татбиқи пешниҳодҳо дар қонунгузорӣ метавонанд муфассалтар таҳлил гарданд. Илова бар ин, масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии миёнаравон барои паҳн намудани иттилооти ғайриқонунӣ дар шабакаҳои интернетӣ метавонанд боз ҳам амиқтар баррасӣ шаванд.

Мавриди зикр аст, ки ин мулоҳизаҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод таҳқиқоти мукаммали илмӣ буда, ба талаботи муқаррааргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф масъалаи муҳими ҳуқуқи муосирро ба таври илмӣ асоснок намуда, пешниҳодҳои арзишманд ироа кардааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи мазкур сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм,
инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе А.М. Диноршоҳ

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: (992 37) 221 99 02
E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

**Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:**
сардори шуъбаи сиёсаи кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: (992 37) 221 99 41
E-mail: info@msu.tj

«07» 05 соли 2026